Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд
Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

30 январи соли 2021. Шанбе
№ 9 (14710)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ДАР ШАҲРИ КУҲНА ТАЪРИХИ НАВ БА ВУҶУД МЕОЯД



***Мардуми бомаърифатамон поён ёфтани сохтмони Маркази тамаддуни исломиро дар Ӯзбекистон, ки сохтмонаш дуним сол пеш дар шаҳри куҳнаи Тошканд оғоз ёфта буд, муштоқона ва бо эҳсосот интизор мегардад.***

Дар ин муддат дар тамоми ноҳияҳои пойтахт иморатҳои бисёрошёна, меҳмонхона, марказҳои тиҷоратӣ ва объектҳои дигар сохта шуданд. Пеш ба шаҳри куҳна аз боло нигоҳ карда, фақат ҳавлиҳои безеб, кӯчаҳои каҷро дидан мумкин буд. Ҳоло дар ин ҷо иморати муҳташам бунёд гардид, ки намуди бисёрасрии таърихии шаҳри куҳнаро тағйир дод.

Дар ин ҷо таърихи нав, ки Ӯзбекистони навро бо гузашта мепайвандад, ба вуҷуд меояд.

Дар солҳои охир бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев дар соҳаи диниву маърифатӣ кори доманфарох анҷом ёфт – дар Самарқанд Маркази байналхалқии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ, дар Тирмиз Имом Тирмизӣ қад афрохтанд. Ҳоло бо мақсади амиқ омӯхтани мероси бойи гузаштагони бузургамон, мисли Имом Мотурудӣ, Абӯмуин Насафӣ, ки ба рушди илоҳишиносӣ ва илми калом саҳми беназир гузоштаанд, ба номи онҳо марказҳои илмӣ ба вуҷуд меоянд. Ин кор барои омӯзиши саҳми бузурги ниёгонамон ба инкишофи ислом, мероси илмии онҳо, ки тамоми ҷаҳон қадр менамояд, роҳи калон кушод.

Дар мамлакатамон дар бобати нигоҳ доштани арзишҳои миллии динӣ, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳи ғояҳои неки башарӣ кори муттасил анҷом дода мешавад. Мусолиҳаи байнимиллӣ ва байнидинӣ мустаҳкам мегардад, озодии эътиқоди мардуми бисёрмиллатамон таъмин мегардад.

Соли 2018 Ассамблеяи генералии СММ резолютсияи махсуси «Маърифат ва таҳаммули динӣ»-ро бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон қабул намуд. Ба қарибӣ Департаменти давлатии ИМА Ӯзбекистонро аз рӯйхати махсуси мушоҳида дар соҳаи озодии дин хориҷ намуд, ки ин нишони эътирофи ислоҳоти ҷории демократии доманфарох дар мамлакатамон гардид.

Маркази тамаддуни исломӣ дар Ӯзбекистон дар омӯзиши мероси бойи гузаштагони бузургамон, ки ба инкишофи тамаддуни инсонӣ саҳми калон гузоштаанд, пеш аз ҳама то ба мардумамон расондани моҳияти воқеан инсонпарваронаи ислом, инчунин ҷомеаи ҷаҳон, дар ҷамъият пурзӯр намудани принсипи «Маърифат алайҳи ҷаҳолат» аҳамияти муҳимро молик аст.

Роҳбари давлат қаблан чандин бор аз сохтмони марказ боздид намуда, афкори исломшиносон ва таърихшиносонро омӯхта, дар бобати иҷрои босифати кор, ғанӣ сохтани мазмуни он супоришҳо дода буд.

29 январ, рӯзи ҷумъа Президент Шавкат Мирзиёев ба ин марказ ташриф оварда, бо ҷараёни кор дар ин ҷо шинос гардид.

Лоиҳаи маркази бино, ороиши дохилӣ ва берунӣ, муҳтавои экспозитсияҳои музей бо олимон, исломшиносон ва санъатшиносони маъруфи ҷаҳон муҳокима гардида буданд. Дар асоси ин консепсияи илмиву таърихӣ таҳия гардида буд, ки саҳми бузурги гузаштагонамонро ба тамаддуни исломӣ инъикос менамояд.

Зимни шиносоӣ тақдимоти консепсияи мазкур баргузор шуд.

– Мақсади боздиди ман аз ин ҷо дидани натиҷаҳои корҳои анҷомдода ва омода намудани асосҳо барои тадқиқотҳои нав мебошад, ки собит менамояд, ки дини муқаддаси мо дини некӣ, инсонигарӣ, ба ғанӣ гардондани маънавият ва маърифат ҳидояткунанда буда ва он саҳми беназирест, ки гузаштагони мо ба ин ҷараён гузоштаанд. Имрӯз барпо намудани бинои муҳташам мушкил нест. Ҳоло мо биноеро барпо намудем, ки ба гузаштагони мо муносиб аст. Акнун бояд муҳити илмиеро ба вуҷуд оварем, ки ба ниёгонамон муносиб бошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид гардид, ки марказ дар насли ҷавон ҳисси ифтихор ва таҳайюрро ба вуҷуд оварда, ба роҳи нави тараққиёт ҳидоят месозад.

– Бисёриҳо мепурсанд: чаро Президент ду Эҳёро мисол меорад. Ин – ғоя, мақсади ояндаи мо мебошад. Чунки мо аз таърих бояд нерӯи маънавӣ бигирем, то ки қуллаҳоеро дарёфт кунем, ки ба он мамлакат азм дорад! Мо умед дорем, ки ин марказ яке аз пойгоҳҳои Эҳёи сеюм хоҳад гардид. Чунки он маркази илмӣ, дунявӣ, замонавӣ мегардад, – гуфт роҳбари давлат.

Таъкид шуд, ки ҳангоми мураттаб намудани экспозитсияҳои музей бояд фикри мардум омӯхта, бо ин мақсад озмун ташкил карда шавад, ки он беҳтарин ғоя ва пешниҳодотро инъикос намояд.

– Мамлакатамон бисёр олимон, ҷамъоварандагони ҳадис, илоҳишиносонро тарбия намудааст ва мероси онҳо хеле ғанӣ мебошад. Аммо бояд эътироф кард, ки мо ин манбаи бойро амиқ наомӯхтаем. Аз ин рӯ, ин марказ аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида ва ғояеро пеш бубарад, ки мо чӣ гуна халқи бузург ба шумор меравем. Ин ҷо ҳама чиз аз ғояи миллӣ бозгӯӣ намояд. Одамоне, ки ба марказ меоянд, ҷавононамон бояд нерӯи шуҷоати маънавӣ ва эътимодро бигиранд, – гуфт Президент.

Аҳамияти инкишоф додани ҳамкорӣ бо UNESCO, ISESCO ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, марказҳои илмӣ таъкид гардид.

– Қоида ва формулае, ки имрӯз дар чунин соҳаҳои фундаменталӣ мисли математика, физика, геометрия, астрономия, тиббиёт истифода мегарданд, ба ихтироъҳои гузаштагони мо асос ёфтаанд. Аввалин манбаъҳои илмӣ дар асрҳои миёна ба ниёгони мо истинод овардаанд. Аммо онҳо баъдтар аз байн рафтаанд. Агар ҷоизаи Нобел дар он замон вуҷуд медошт, аксари лауреатҳо аз минтақаи мо мебуданд, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинобар ин дастур дода шуд, ки ба Институти таърихи Академияи улуми Ӯзбекистон маблағҳои иловагӣ ва грантҳои тадқиқотӣ барои омӯзиши манбаъҳои аввалини корҳои илмӣ ҷудо карда шавад.

Вазифаи барои марказ тарбия намудани тарҷумон-гидҳои баландмалака, ки ба масъалаҳои паҳн гардидани ислом ва инкишофи илм дар мамлакатамон ихтисос ёфтаанд, гузошта шуд.

Зарурати ташкил намудани маркази мултимедия дар назди марказ барои то ба аудиторияи ҷавонон дар асоси технологияҳои замонавӣ расондани мероси илмӣ таъкид гардид. Бе ин натиҷаҳои баланд ба даст овардан ғайриимкон аст.

Дастурҳо оид ба ташкили устохонаи лабораторӣ барои эҳё ва афзун гардонидани анъанаҳои қадимаи тайёр кардани коғази Самарқанд, муқовасозӣ, санъати хаттотӣ, дар телеканали «Маданият ва маърифат» ба роҳ мондани намоиши барномаи махсуси мунтазам бахшида ба инъикоси фаъолияти марказ, омӯхтани мероси гузаштагони бузурги мо дода шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев сохтмони Маркази тамаддуни исломиро аз назар гузаронд.

Марказ аз се ошёна иборат буда, дар айни ҳол сохтмони бино ба анҷом расидааст. Дар чор тарафи он пештоқҳои баландиашон 34 метра ҷойгиранд, дар марказ гунбази сабки шарқӣ қад меафрозад.

Сарвари давлат ба ҳар як ҳуҷра даромада, бо лоиҳаҳои ороиш ва муҷаҳҳазгардонии онҳо шинос шуд.

Дар бораи ороиши зоҳирӣ ва дохилии марказ, зинат додан бо нақшу нигор тавсияҳо дода шуданд. Қайд карда шуд, ки бояд бо ба ҳисоб гирифтани қабули сайёҳони сершумор, ҳайатҳо, баргузории конфронсҳои байналмилалӣ ҷиҳозонии замонавӣ, экспозитсияҳо ҳамин тавр омода карда шаванд, то онҳо барои меҳмонони синну соли гуногун пешбинӣ шуда бошанд.

Дар ҷараёни сафари қаблии худ Президент қайд карда буд, ки Маркази тамаддуни исломӣ бояд пойгоҳи муассисаҳои илмӣ дар ин самт гардад, барои таҳқиқоти олимон ва мустаҳкам намудани дониши донишҷӯён шароит дошта бошад.

Бинобарин, лоиҳа такомул ёфт ва дар марказ барои магистрантҳо ва докторантони Академияи байналмилалии исломӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Ороиш ва муҷаҳҳазсозии дохилӣ ва берунии марказ, системаҳои бехатарӣ ва коммуникатсионӣ ба талаботҳои пешрафта ҷавобгӯ хоҳанд буд.

Экспозитсияи бахши илмии музей, ки аз ҷониби лоиҳакашони фаронсавӣ оро дода шудааст, ба тақдимот ба сифати майдони намунавӣ омодагӣ мегирад. Дар экспозитсияи шуъбаи мазкур нақши Ватанамон дар тамаддуни таърихӣ ва муосир, ҳаёт ва мероси бойи илмии гузаштагони бузургамон бо кӯмаки инфографика, видеоролик ва филмҳои ҳуҷҷатӣ намоиш дода мешаванд.

Ба ғанӣ гардондани потенсиали илмии марказ эътибори алоҳида нигаронда мешавад. То ҳол ба китобхонаи он 761 асари дастхат ва литографӣ, қариб 12 ҳазор китоби чопӣ ва 55 ҳазор электронӣ, коллексияи «Шарқ ва Ғарб» ва «Ҷаҳони исломи араб», ки аз 4 ҳазору 923 асари нодир иборат аст, филмҳои зиёд, ҳуҷҷатҳои таърихӣ ворид гаштаанд. Аз хазинаи «Ал-фуркон»-и Британияи Кабир феҳрасти 117 ҷилда дар бораи дастхатҳои ҷаҳони ислом оварда шудааст.

Китобу рисолаҳои олимон ва муҳаққиқон чоп мегарданд. Феҳрасти 440 асари дастнавис ва литографӣ, ки ба марказ расидаанд, инчунин дастхати гузаштагони бузургамон дар бораи исломшиносӣ, ки дар китобхонаҳои Фаронса, Британияи Кабир, Олмон нигоҳдорӣ мешаванд, тартиб дода шуданд.

Бо мақсади васеъ пеш бурдани фаъолияти марказ дар арсаи байналхалқӣ дар Британияи Кабир, Олмон, Фаронса ва кишварҳои дигар тақдимот, намоиши фотографии «Ӯзбекистон - дурдонаи фарҳанги исломӣ» баргузор гаштаанд.

Ҳоло Маркази тамаддуни исломӣ бо 15 маркази хориҷӣ ҳамкорӣ менамояд. Мулоқотҳо бо бисёр ҳайатҳо ва намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ, ки аз мамлакатамон боздид менамоянд, ба амал меоянд, онҳо фикри худро дар бораи марказ ва экспозитсияҳои ин музей баён мекунанд. Барои мисол, зимни ташрифи анқариби ҳайати Арабистони Саудӣ ба мамлакатамон масъалаи роҳандозии ҳамкорӣ дар ҷиҳати тадқиқотҳои исломӣ муҳокима гардид. Ҳамин тариқ, меҳмонони Арабистони Саудӣ пешниҳод карданд, ки дар пойгоҳи Маркази илмиву тадқиқотии ба номи Сауд ал-Файсал дар Ар-Риёз филиали Маркази тамаддуни исломӣ кушода шавад. Ин мисоли равшани он аст, ки марказ дар ҷаҳони ислом эътирофи ҳарчи бештарро молик мегардад.

Дар ин ҷо сарвари давлат бо олимон, намояндагони зиёиён ва насли калонсол, раисони маҳаллаҳо суҳбат кард.

— Мо аксар вақт дар бораи ҳуввияти миллӣ ҳарф мезанем. Аммо як чиз маро нигарон мекунад: оё мо ба ин эҳсос сазовор ҳастем, — гуфт Шавкат Мирзиёев. — Гузаштагони мо дар шароити душвор, бо меҳнати собитқадамонашон чӣ корҳои бузургро амалӣ намуданд. Бобоҳои ҷадиди мо низ бесабаб табъид карда нашуданд. Онҳо медонистанд, ки хирадмандӣ, ғурур, давлатдорӣ дар хуни мо ҷой дорад. Дар ин марказ овози ҳамаи олимони бузурги мо баланд садо хоҳад дод.

Қайд карда шуд, ки тамоми маҳаллаҳои ноҳияи Олмазор, ки марказ дар он ҷойгир аст, бояд ба ин маскан муносиб бошанд, ғояҳои худро оид ба таълим ва тарбия пешниҳод кунанд.

— Агар мо ин корро анҷом диҳем, нури Маркази тамаддуни исломӣ ба ҳар як маҳалла хоҳад омад ва мо муваффақ хоҳем шуд, — гуфт Президент.

Раисони маҳаллаҳо, намояндагони насли калонсол, ки дар вохӯрӣ суханронӣ карданд, қайд намуданд, ки марказ ба макони муқаддас мубаддал хоҳад гашт, ки дар он одамон аз ҳаёти гузаштагони худ ибрат мегиранд ва мероси онҳоро меомӯзанд. Онҳо ташаббуси сарвари давлатро дастгирӣ намуда, пешниҳод карданд, ки дар маҳаллаҳо мактабҳои математика, наққошӣ, шеърият кушоянд, омӯзиши таърихи Тошканд, Қуръон, ҳадис ва хушнависиро ба роҳ монанд.

Қайд карда шуд, ки агар ғояҳои беҳтаринро интихоб намуда, онҳо дар 58 маҳаллаи пойтахт татбиқ карда шавад, ин барои бедор кардани чунин ҳиссиёт, аз қабили ватандӯстӣ, одамгарӣ, меҳрубонӣ, муҳаббат ва саъй ба дониш дар насли наврас ҳамчун манбаи бебаҳо хидмат хоҳад кард.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**мухбири ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

***Назаре аз хориҷа:***

## Мулоқоти бевоситаи байни сарони Ӯзбекистон ва Куриёи Ҷанубӣ оид ба муносибатҳои шарикии махсуси стратегӣ аҳамияти бемисл дорад

**Ҳамоиши онлайни Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Куриё Мун Чже Ин дар мадди назари ҷомеаи байналхалқӣ қарор гирифтааст.**

**Ли Кёнг Сик, президент-ношири маҷаллаи «The Korea Post»:**



– Қайд кардан хурсандиовар аст, ки муносибатҳои анъанавии тарафайни дӯстонаи байни Куриёи Ҷанубӣ ва Ӯзбекистон бо вуҷуди вазъияте, ки бинобар пандемияи коронавирус дар ҷаҳон мавҷуд мебошад, бо мазмуни пурмуҳтаво ғанӣ мегардад ва идома меёбад. Фикр мекунам, мулоқоти бевоситаи байни сарони кишварҳои мо барои амиқ сохтани ҳамкориҳои тарафайн ва муносибати шарикии махсуси стратегӣ аҳамияти бемисл дорад.

Ба ин маънӣ мехостам таъкид намоям, ки ҳамоиши онлайни баргузоршуда чорабинии муҳим гардид, он ҳамкории ба худ хос буд ва имкон дод, ки бинобар масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи дуҷониба мубодилаи афкор карда шавад.

Муътақидам, ки муоҳидаҳои дар мулоқот бадастомада барои рушди мустақими минбаъдаи ҳамкории байни кишварҳои мо такони иловагӣ мебахшанд.

Ҳамчунин бояд зикр сохт, ки Ӯзбекистон шарики асосии Ҷумҳурии Куриё бобати татбиқ намудани «Сиёсати нави шимолӣ» дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Метавон бо эътимод гуфт, ки ҳамоиш-онлайни ӯзбекистониву куриёӣ бори дигар манфиатдории дуҷониба ва эътиқоди кишварҳои моро барои таҳкими робитаҳои тарафайни бародарӣ, ки ҳанӯз аз замони Шоҳроҳи абрешим оғоз гирифтаанд, собит намуд.

**Ким Сонг Ин, директори иҷрогари Котибияти Анҷумани оид ба ҳамкории «Ҷумҳурии Куриё – Осиёи Марказӣ»:**



– Солҳои охир муносибатҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Куриё торафт бештар инкишоф меёбанд. Дар соли 2019 ба дараҷаи шарикии махсуси стратегӣ бардошта шудани муносибатҳои ӯзбекистониву куриёӣ тасдиқи ин гуфтаҳо мебошанд.

Бовар дорам, ки ҳамоиши баргузоршудаи онлайнӣ низ ба таърихи ҳамкории мо ҳамчун даврони муҳими ин мулоқоти боэътимоду рӯшод дохил мешавад. Аҳамияти ҳамоиш дар замони пандемия баланд мегардад ва бори дигар собит менамояд, ки ҷонибҳо аз таҳкими минбаъдаи шарикии стратегӣ манфиатдор мебошанд.

Ба ин маънӣ мехостам дар бораи нақши муҳими Ӯзбекистон дар Анҷумани оид ба ҳамкории «Ҷумҳурии Куриё – Осиёи Марказӣ» чанд сухан бигӯям. Ба шарофати рағбати ҷониби Ӯзбекистон ва бахусус саъю кӯшишҳои роҳбарияти Ӯзбекистон Анҷуман соҳати ҳамкориҳояшро вусъат медиҳад ва барои манфиати шукуфоии умумии минтақаи Осиёи Марказӣ лоиҳаҳои нав татбиқ мегарданд.

Ҳамчун роҳбари Котибияти Анҷуман мехостам изҳор намоям, ки мо бо ҷониби Ӯзбекистон барои кори муштарак баҳри такмил додани ин соҳати муҳими ҳамкориҳои бисёрҷанбаи тарафайн ва татбиқ намудани лоиҳаҳои афзалиятнок дар Осиёи Марказӣ, ки ба манфиати тамоми иштирокдорон ҷавобгӯ мебошанд, омода ҳастем.

**Макс Сей, Директори иҷрогари маркази таҳлилии «Kingsley Strategic Institute» (Малайзия):**

– Муносибати шахсии дӯстонаи байни Президентҳои Ӯзбекистон ва Куриёи Ҷанубӣ сатҳи баланди мулоқоти байнидавлатиро, ки ба шарикии тарафайн ва стратегӣ асос мекунанд, таъмин менамояд.



Гуфтушунид бинобар Муоҳидаи дуҷониба дар бораи шарикии пойдори тиҷоративу иқтисодӣ барои рушди минбаъдаи ҳамкории байни кишварҳо дар соҳаи зикршуда хеле сариваҷтӣ ва муҳим ба шумор меравад. Дар мавриди ҳарчи зудтар ба имзо расидани ҳуҷҷати мазкур он аввалин санади Куриёи Ҷанубӣ дар бораи савдо бо шарикон дар доираи «Сиёсати нави шимолӣ»-и Сеул мегардад.

Он санад, ки Президент Мун Чже Ин дар соли 2021 аввалин мулоқоти расмии дуҷонибаро дар сатҳи олӣ маҳз бо Президент Шавкат Мирзиёев баргузор кард, бори дигар аз афзудани обрӯ ва нуфузи Ӯзбекистони нав дар миқёси ҷаҳон дарак медиҳад.

Тавре ки сарвари Куриёи Ҷанубӣ таъкид кард, ҳамоиши виртуалӣ, бешубҳа, барои ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва шукуфоии муштарак дар даврони пас аз пандемияи коронавирус давраи нав мегардад.

**АИ «Дунё».**

## Дар ҳузури ҷавонон

***Дар вохӯриву мулоқотҳое, ки бо иштироки ҷавонон баргузор мегардад, мутасаддиён кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳарчи зудтар масъалаҳои марбут ба ҳаёти онҳо ҳаллу фасл карда шавад. Дар ин вохӯриҳо роҳҳои асосии ҳалли муаммоҳо баррасӣ мегарданд.***

Дар ноҳияи Дӯстлики вилояти Ҷиззах наздик ба 300 нафар ҷавонони ноҳияҳои Дӯстлик ва Мирзочӯл ҷамъ омада, ба масъулон, роҳбарони секторҳо, иттифоқи ҷавонон, бахши вилоятии Агентии кор бо ҷавонон аз монеаҳое, ки садди роҳи фаъолияти соҳибкории онон мегарданд, гуфта гузаштанд. Бештари муроҷиати ҷавонон дар бораи гирифтани воми имтиёзнок барои фаъолияти тадбиркорӣ мебошад.

Дар ноҳияи Янгиобод бошад, қариби чил масъала мавриди муҳокима қарор гирифт. Ба якчанд нафар ҷавонон сертификати махсус, ки ҳуқуқи гирифтани кредити имтиёзнокро аз муассисаҳои молиявӣ дорад, тақдим карда шуд.

Ба иштирокчиён дар ноҳия таҳия ва танзим гардидани низоми махсуси кор бо ҷавононро дар соли 2021 маълум карданд. Дар Соли дастгирӣ намудани ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ гузаронидани чорабиниҳои ба ин монанд доман паҳн мекунанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Дар ҳошияи Муроҷиат

# СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ҶАВОНОН – РОҲ БА ОЯНДАИ ДУРАХШОН

**Рушди иқтисод ва беҳбуди ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳон ва дар айни ҳол тараққию равнақи ин Ватани маҳбубро бе илми техникию технологияи навин, бе соҳибкорони бунёдкору созанда наметавон тасаввур кард. Ба замми ин ҳар як ҷавонро тафаккури комил, маърифатнокӣ, ҷаҳонбинии васеъ, озодандешию донистани чандин забон зарур аст. Зеро онҳо бояд ин раванди таърихиро ҳамқадаму ҳамнафас бошанд. Ҷавононояндасози ҷомеаи иҷтимоӣ мебошанд. Дар ин равандиояндасоз ба ҷавонони соҳибмаълумоту ҳунарманд, бомаърифату худогоҳи озодандеш, соҳибкори созандаю бунёдкор, ташаббускори далеру забондон зарурат меафзояд.**

Президент дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис дастовардҳои соли гузаштаро, ки даҳшати бузургтарини сад соли охири миқёси ҷаҳон – пандемияи коронавирус дар он рух дод, ҷамъбаст намуда, вазифаҳои соли 2021-ро дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданию фарҳангӣ ва муносибатҳои хориҷӣ возеҳу равшан баён кард. Халқи мо соли равон 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар асоси ғояи наҷиби «Мо дар Ӯзбекистони нав – кишвари озод ва шукуфон зиндагӣ мекунем!» ҷашн мегирад. Ба пойдевори Эҳёи сеюм асос гузошта мешавад. Тавре таъкид гардид, дар ҳалли масоили номбурда ва рушди кишвар ҷавонон мақоми ҳалкунанда доранд. Сарвари кишвар дар Муроҷиатнома баён дошт, ки «нақши ҳалкунандаро дар пешрафти ҳар як ҷомеа рушди солим ва ҳамоҳанги насли ҷавон мебозад, киояндаи ин ҷомеа аз вай вобаста аст. Аз ин рӯ, дар масъалаҳои тавсеа додан ва афзудани самаранокии ислоҳоти худ мо ҷавонони серғайрат, ташаббускор, ҳамаҷониба рушдёфтаи дорои дониш ва малакаҳои муосирро такягоҳи худ мешуморем.

Мо дар назди худ як ҳадафи бузург – ташаккул додани заминаи Эҳёи навро дар кишварамон гузоштем ва бо ин мақсад мо бояд барои тарбияи Хоразмӣ, Берунӣ, Ибни Сино, Улуғбек, Навоӣ ва Бобурҳои нав муҳит ва шароит фароҳам оварем. Дар ин раванди таърихӣ муҳимтарин омилҳо, ҷузъи ҷудонашавандаи ғояи миллии мо рушди таълиму тарбия, илм ва навоварӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим мебошад».

Аз ин иқтибос ҳувайдост, ки сарвари кишвар бо як эътимод ба ҷавонониояндасозу бунёдкор муроҷиат намудааст.

Дар замир ва ҳалли ин муаммо кори таълиму тарбия қарор дорад. Президент борҳо таъкид намудааст, ки «Ӯзбекистони нав аз остонаи мактаб, аз низоми таълиму тарбия шурӯъ мешавад». Ин ғояиояндасоз зимни табрики Президент ба муносибати рӯзи Конститутсияи Ӯзбекистон ва видеоселектори ба масъалаҳои маданияту маърифат бахшидашуда низ иброз гардид.

Ин ғоя масъулияти тарбиячиёни кӯдакистонҳо, омӯзгорони муассисаҳои таълими умумӣ, устодону мураббиёни донишгоҳҳо, кормандони соҳаи маданияту маърифат ва рӯзноманигорону дастандаркорон, воситаҳои ахбори оммавӣ, адибону олимонро беш аз пеш афзун мегардонад.

Мо як давраи муайян аз асли худ дур шудем. Мавлавию Бухориҳоро нахондем. Ҷадидонро миллатгаро пиндоштем. Чандин адибону олимони машҳурро «душмани халқ» шинохтем. Аз дини мубини Ислом канораҷӯйӣ кардем. Таърихи халқи худро наомӯхтем. Ба мо маданияту маънавияти ба тинати мо бегона «импорт» карда шуд...

Фурсат фаро расид. Бояд ғояи миллии худро дар заминаи ғояҳои умумиинсонӣ ва арзишҳои миллӣ офарем. Онро аз худ кунем, тақвият диҳем ва сармашқи фаъолиятамон донем. Алъон озодию адолати иҷтимоӣ таъмин аст. Дар Ӯзбекистон баҳри рушди тафаккур ва маърифат, донишу тарбия, худшиносию озодандешӣ, омӯзиши таҷрибаи муосир, ташаккули маҳорати соҳибкории созандаю бунёдкор, татбиқи ташаббусҳо ҳама гуна имконот муҳайё шудааст. Эътибору имконот барои ҷавонон афзуд. «Хуллас, – дар Муроҷиатнома баён дошт сарвари давлат, – низоми ягона ва ногусастанӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки зимни он аз таваллуд то синни 30 кӯмаки ҳамаҷониба нисбати ҷавонон зоҳир мегардад, то ки онҳо дар ҳаёт ҷойгоҳи муносиби худро ёфта тавонанд».

Имрӯз халқи Ӯзбекистон бояд ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллии худ арҷгузорӣ кунад ва ба ташаккулу тақвияти онҳо омода бошад. Мо дар Ӯзбекистони нав – кишвари озод ва шукуфон зиндагӣ мекунем! Бояд халқи Ӯзбекистон, ба хусус ҷавонон, аз ҳар гуна бегонапарастӣ канораҷӯйӣ кунанд, арзишҳои умумиинсонӣ ва миллии худро парастиш намоянд ва тақвият бахшанд. Баҳри ин бояд муттаҳид ва бомаърифату дорои маънавият буд. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ фармудааст:

*Мо барои васл кардан омадем,*
*На барои фасл кардан омадем.*

Лойиқи зиндаёд фармудааст:

*То чанд ту бо гузаштагон менозӣ,*
*Бо Рӯдакию ба Ҳофизи Шерозӣ.*
*Вақт аст сари минбари озоди сухан,*
*Хайёми дигар, Ҳофизи дигар созӣ.*

**Тангир РАҲМОНОВ,**
**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**



*Ходимони филиали таъминоти гази «Ҳудудгаз Сурхондарё» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Гулистони шаҳри Тирмиз ба мақсади аз гази табиӣ баҳраманд гардондани аҳолӣ қубурҳои газро насб менамоянд.*

*Аз ҷониби корхона ба 260 хонадони ҳудуд гузаронидани газ ба нақша гирифта шудааст. Алҳол ба 148 хонадон қубури газ кашида, ба 37-тои он ускунаи баҳисобгирии газ нишонда шуд.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

*Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ*

# ҶАВОНОН ДАР ЛИБОСИ ҲАРБӢ

***Дар мулоқоту гуфтугузорҳои сарвари давлат бо аҳолӣ ба ҳаёти ҷавонон ҳамеша дахл карда мешавад. Соли ҷорӣ Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ ном гирифт. Аз номи сол ҳам пайдост, ки имсол аз ҳар ҷиҳат барои ҷавонон ғамхорӣ зоҳир карда мешавад.***

Бо ин мақсад ҳоло механизмҳои муҳими кор бо ҷавонон таҳия ва тасвиб мегардад. Дар қисми ҳарбии Округи марказии Қувваҳои Мусаллаҳ, ки дар мавзеи Олмачии шаҳри Ҷиззах воқеъ аст, қариб дусад нафар ҷавононе, ки ба «Дафтари оҳанин» ворид гардиданд, ҷамъ омаданд. Ба онҳо барои машқу обутобёбӣ ва умуман ҳаётгузаронӣ ба муддати даҳ рӯз имконият фароҳам оварда шуд. Назар ба гуфти ташаббускорон қӯмондонҳои округи марказӣ, ходимони ҳокимияти вилоят ва ғайра имрӯз ҳадафи асосӣ дар дили ҷавонон бедор намудани ҳисси ватанпарварӣ, шуҷоату мардонагӣ, матонату субот мебошад. Ҷавонон либоси ҳарбӣ пӯшида ҳамроҳи ҳарбиён машқҳо гузарониданд.

Ҳамчунин дар назар аст, ки ба пойтахти ҷумҳурӣ сафар намуда, аз музейҳо дидан кунанд.

– Баробари омӯхтани кори ҳарбиён боз дар тинати онҳо шавқу ҳаваси соҳибкорӣ ташаккул хоҳад ёфт, – гуфтанд мутасаддиён.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҲАР НИҲОЛ ПАРВАРИШ ВА ҲИМОЯ МЕХОҲАД

***Соли гузашта Кумитаи давлати хоҷагии ҷангал кадом корҳоро ба сомон расонд ва ба чӣ дастовардҳо ноил гардид? Оё ходимони он вазифаҳои бар дӯш доштаашонро бо масъулият иҷро карданд? Бештар парвариши кадом растаниҳоро бояд ба роҳ монд ва амсоли он саволҳое маҳсуб меёбанд, ки дар як нишасти хабарӣ перомуни он маълумотҳо ироа гардид.***

Тавре ки ноиби раиси Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал Абдушукур Ҳамзаев изҳор кард, қарори сарвари давлат "Дар бораи тасдиқ намудани консепсияи ривоҷ додани сохтори хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030" ҳамаи вазифаҳои ходимони соҳаи хоҷагии ҷангалпарвариро пурра муайян намудааст.

– Дар консепсия нишон дода шудааст, ки яке аз роҳҳои устувори ривоҷ додани соҳаи ҷангалпарварӣ пурзӯр намудани корҳои тадқиқотӣ мебошад. Ҳамчунин тайёр кардани кадрҳо, такомул бахшидани сохтори такмили касби онҳо аз авлавияти вазифаҳои мо маҳсуб меёбанд, – гуфт Ҳамзаев.

Барои ташкили иҷрои консепсияи мазкур ҷиҳати ривоҷ додани хоҷагии ҷангалпарварӣ дар ҳамкорӣ бо Фарҳангистони улум ва созмонҳои тадқиқотӣ аз рӯи мавзӯъҳои илмӣ бештар аз сад лоиҳа кор карда баромада шудаанд, ки инро кумита ба Вазорати ривоҷи инноватсионӣ тақдим намудааст.

– Дар бораи парвариш ва азнавкоркарди растанӣ низ қарори Президент содир шудааст. Бар ин асос мо парвариши растаниҳои дармонбахш, аз нав коркарди он, ба роҳ мондани ривоҷи тухмии растаниҳои дармонбахшро ба таври васеъ татбиқ карда истодаем. Дар маркази илмӣ-истеҳсолӣ парвариши растаниҳои дармонбахш ва азнавкоркарди онро ташкил намудем. Вазифаҳои асосии он хеле равшану возеҳ муайян карда шудаанд, – тазаккур дод ҷонишини раиси кумита.

Гуфта шуд, ки дар ноҳияҳои Ғаллаарал, Когон ва Ургут хоҷагиҳои ҷангалпарварии махсус таъсис дода шудааст. Дар ин ҷо соли равон ташкил намудани кластерҳои парвариши растаниҳои дармонбахш барномарезӣ шудааст. Ин мусоидат хоҳад кард, ки соҳаи дорушиносӣ беш аз пеш ривоҷ ёбад ва масъалаҳои мубрами он дар фурсати наздик ҳаллу фасл карда шавад.

– Масъалаи дигаре, ки ҳаллу фасли он зарур аст, бо кадрҳои малаканок таъмин кардани сохтори ҷангалпарварӣ мебошад. Дар айни ҳол кадрҳои соҳиби маълумоти олӣ дар сохтори мо ҳудуди 57 дарсадро ташкил менамояд. Теъдоди онҳо аз 648 нафар иборат аст, ки ҳанӯз кофӣ нест,– иброз дошт Ҳамзаев.

Ногуфта намонад, ки 11 нафар ҷавонони докторант дар марказҳои мухталифи илмиву тадқиқотӣ таҳсил кардаанд ва пажӯҳишҳои илмии худро идома медиҳанд.

Самти дигари кори соҳаи ҷангалпарвариро ҳифзи ҷангалу дарахтзор, истифодаи самараноки захираҳои хазинаи ҷангалпарварӣ, пешгирӣ аз буридани дарахтон аз роҳи ғайриқонунӣ, вайрон кардани қоидаҳои истифода аз чарогоҳ, зарар ворид намудан ба растаниҳои худрӯй ва ҳайвонот, риояи техникаи бехатарӣ ва амсоли он ташкил медиҳанд. Барои пиёда намудани ин корҳо ходимони соҳаи мазкур дар миёни аҳолӣ чорабиниҳои тарғиботӣ мегузаронанд ва аз онҳо даъват мекунанд, ки ҳифзу ҳимояи муҳит кори тамоми мардум мебошад.

– Мо ифтихор мекунем, ки соли 2020 мувофиқи "Харитаи роҳ" дар ҷумҳурӣ унвони фахрии "Ходими хизматнишондодаи ҷангалпарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон" таъсис дода шуд,– гуфт Ҳамза Абдушукуров.

Интизор меравад, ки соли равон ба манзури истеҳсоли маҳсулоти ҷангалпарварӣ ва азнавкоркарди он даҳ кластери ихтисосгардонидашуда ташкил карда мешавад. Объектҳои экотуризм ба 275 адад, хатсайрҳои сайёҳӣ ба 35, марказҳои ташрифӣ ба 4 адад мерасанд. Гузашта аз ин, ба соҳаи ҷангалпарварӣ 8 миллион доллари амрикоӣ сармоя ворид гардидааст. Аз ҳисоби маҳсулоте, ки ба воситаи он истеҳсол шудааст, ҳаҷми содирот 5 миллион долларро ташкил хоҳад кард. 2 миллион гранти донорҳои байналмилалӣ низ азхуд карда хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

## Хабарҳо

### Меҳнати маҷбурӣ дар тӯли соли 2020

***Комиссияи миллии мубориза алайҳи меҳнати маҷбурӣ ва савдои одам дар шакли онлайн видеоконфронс ташкил намуд. Дар чорабинӣ таҳти мавзӯи «Тавассути меҳнати муносиб ба сӯи рушди барқарор» раиси Сенати Олий Маҷлис Т.Норбоева, вазири шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ Н.Ҳусанов, раиси Палатаи савдою саноат А.Икромов ва намояндагони созмонҳои байналхалқӣ иштирок карданд.***

Таъкид ёфт бо вуҷуди он ки дар мамлакати мо меҳнати маҷбурӣ манъ шудааст, муаммоҳо дар ин самт ба пуррагӣ ҳал нашудаанд. Ба меҳнати маҷбурӣ ҷалбсозии аҳолӣ, аз ҷумла, бачагон, хусусан дар мавсими ғунучини ҳосили пахта ба мушоҳида расида, ин ба ҷавобгарии маъмурӣ асос мегардад.

Дар видеоконфронс натиҷаҳои мониторинги ҷониби сеюм дар мавсими ғунучин низ мавриди муҳокима қарор гирифт. Гуфта шуд дар ҷамъоварии ҳосили пахта наздик 2 миллион нафар иштирок карданд. Дар баъзе ҳудудҳо мактаббачагон ҳафтае як бор ба саҳро баровarda шуданд, ба ҳисоби миёна як шахс ҳамагӣ 21 рӯз дар давоми мавсим ба пахтачинӣ ҷалб шуд. Ҷалбсозӣ ба меҳнати маҷбурӣ 4 фоизро ташкил намуд. Ба 42 нафар шахсони масъул «танбеҳ» эълон карда шуд, 5 нафар ҳокимон огоҳонида шуданд. Дар масъалаҳои бартарафсозӣ, чорабинӣ ва профилактикаи меҳнати маҷбурӣ таклиф ва тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

### Ҳисоботи ҳукумат оиди ҷамъбасти сол

***Дар ҷамъомади навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис оиди иҷрои Барномаи давлатии Соли рушди иқтисодиёти рақамӣ ва илму маърифат ҳисоботи ҳукумат шунида шуд. Ба саволҳои намояндагони халқ ҷонишини Нахуствазир Ҷамшед Қӯчқоров ҷавоб гардонд.***

Қайд гардид, дар соли 2020 ҳаҷми содирот 15,1 миллиард доллари ИМА-ро ташкил намуд. Маҳсулоти наздик 2,7 миллион адад корхонаҳо ба хориҷ бароварда ва онҳо дар 40 бозори нави берунӣ харидор пайдо карданд. 210 намуд маҳсулот содир ва ба андозаи 9,8 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб гардид, 378,1 ҳазор адад ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуданд.

Депутатҳо дар соли пандемия ба андоз кашида нашудани 3442 адад субъекти тиҷоратиро маъқул шумурданд, вале депутат Р.Кушербаев аз ҷонишини Сарвазир суол кард, чаро «Ӯзавтосаноат» андози маҷбурии сефоизаро напардохт?

Дар ҷамъомад депутатҳо айни замон лоиҳаи муайянсозии Рӯзи дӯстии халқҳоро муҳокима карданд. Гуфта шуд, 30 июл дар мамлакатамон Рӯзи дӯстии халқҳо эълон карда шавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар авули Абайи ноҳияи Берунии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон сехи дӯзандагии ҶММ «Беруний текстилинвест» фаъолияти худро ба роҳ монд. Корхона 50 нафар ҷавон ва занони ба рӯйхати «Дафтари ҷавонон» ва «Дафтари занон» гирифташудаи ҳудудро бо кор таъмин мекунад.*

*Дар маросими кушодашавии сехи дӯзандагӣ ҳокими ноҳия А.Сафарбоев, роҳбарони секторҳо ва фаъолони ноҳия иштирок доштанд.*

***Дар сурат:*** *дар сехи дӯзандагии авули Абай.*

***Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# МАҲАЛЛАИ ОБОД ВА БЕХАВФ

***Зимни муайян намудани маҳаллаи аз ҳама обод ва бехавф ба якчанд омил эътибор нигаронида шудааст. Муайян намудани шароити қулай барои баланд бардоштани маънавияти ҷавонон, пешгирӣ кардани ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо, диққату эътибор ба осоиштагии маҳалла, бо шуғл бандкунии бонувон, хуллас иштирокчиён аз рӯи 23 раванд талош варзиданд.***

– Маҳаллаи мо дар дашт воқеъ аст. Бо вуҷуди ин барои ҳал кардани масъалаҳои ба ҳаёти ҷавонон дахлдошта эътибор додаем. Бар илова ободии маҳалла низ дар маркази диққат қарор дорад, – мегӯяд ғолиби озмуни марҳилаи вилоятии «Маҳаллаи обод ва бехавф», раиси маҳаллаи «Гулзор»-и ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах Зафар Суннатов. – Ин мукофот ва ғалаба ба зиммаи мо боз масъулияти бештар вомегузорад.

Дар озмуни номбурда нозири шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Зомин Умеда Қодирова, нозири профилактикии маҳаллаи «Янги бӯстон»-и ноҳияи Арнасой Раҳматулло Битӯраев аз рӯи шарти муайяни озмун сарфароз гардиданд.

Саодат Иннатова – ходими шуъбаи маҳалла ва дастгирӣ намудани оила ба гирифтани ғолибият аз рӯи раванди «Маънавиятчии аз ҳама фаъол» мушарраф шуд.

**Мухбири худамон.**

Муносибат

# МАЪНАВИЯТ – САРЧАШМАИ ҲАЁТ

***19 январи соли равон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев оид ба масъалаҳои куллан такмил додани низоми корҳои маънавию маърифатӣ, беҳтар кардани ҳамкории ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ дар ин раванд ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

– Агар иқтисодиёт ҷисми ҷамъият бошад, маънавият қалб ва рӯҳи он аст, модоме, ки мо Ӯзбекистони навро бунёд мекунем, бояд ба ин ду сутуни қавӣ такя намоем, – гуфт Президент.

Аввало, иқтисодиёт бояд пурқувват ва ба тамоюлҳои бозор асосёфта бошад. Сониян, маънавият бояд қавӣ ва ба арзишҳои ғании гузаштагони бузургамон, яъне ба арзишҳои миллӣ такя кунад.

Чанде пеш сарвари давлат ҳам дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис ва ҳам дар аввалин Анҷумани таърихии ҷавонони Ӯзбекистон ба масъалаҳои маънавият ва маърифат таваққуф кард.

Бо ҳамин мақсад Президент дар пойгоҳи муассисаи таълимии «Маънавият тарғиботчиси» таъсис додани Пажӯҳишгоҳи тадқиқотҳои иҷтимоиву маърифатиро пешниҳод намуд. Дар ҷамъомад бобати ба сатҳи баланд бардоштани корҳои маънавиву маърифатӣ чораву тадбирҳо андешида шуданд.

Тавре ки маълум аст, ба тарғиботи маънавияту маърифат даҳҳо ташкилот машғуланд. Вале дар фаъолияти онҳо бинобар вуҷуд надоштани низоми ягона ҳолатҳои такрор намудани кори якдигар ба назар мерасид. Таъкид шуд, ки минбаъд Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ фаъолияти тамоми шӯроҳои ҳудудӣ, вазорат, идора ва ташкилотҳои маънавиву маърифатиро ҳамоҳанг мекунад.

Дар масъалаи тарбия набояд танаффус бошад. Дар соҳаи маънавият ва маърифат кор ранги дигар мегирад. Кӯдакистон, мактаб, даргоҳи таълими олӣ, маҳалла, умуман ҳар як ҳалқа дар ин самт бояд ба таври мушаххас кор баранд. Бинобар ин аҳамияти ба вуҷуд овардани низоми ягонаи корҳои маънавиву маърифатӣ, аз ҷумла аз синни ба кӯдакистонравӣ чун шахсони соҳибмаълумот ва неккирдор тарбия кардани писару духтарон ва бо ин мақсад кӯмакҳои методӣ расонидани муассисаҳои таълими томактабӣ таъкид ёфт.

Бо назардошти баланд бардоштани самаранокии корҳои маънавиву маърифатӣ дар мактабҳо, муассисаҳои таълими миёнаи махсус ва олӣ, филиалҳои онҳо дар андозаи воҳиди штатҳои мавҷуда таъин кардани вазифаҳои директор ва проректор оид ба масъалаҳои ҷавонон ва корҳои маънавиву маърифатӣ таъкид шуд. Ба таъмин сохтани суботнокии вазъияти иҷтимоиву маънавӣ дар маҳаллаҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Зикр гардид, ки бинобар раванди «Намояндаи зиёӣ – пуштбони маънавии маҳалла» ба ҳар як маҳалла профессорон, устодон ва зиёиёни маъруф вобаста карда мешаванд. Ин боз як самти нави корбарӣ бо маҳаллаҳо мебошад.

Дар ҷамъомад ба назди шахсони масъул вазифаи то соли 2030 таҳия намудани консепсияи рушди илми таърихи Ӯзбекистон гузошта шуд. Имрӯз ҳаёт ба тарзи нав фикр ва меҳнат кардан, ташаккул додани марказҳои илмиро тақозо менамояд. Марказҳои маънавият ва маърифат, «Стратегияи тараққиёт», тамаддуни исломӣ, пажӯҳишгоҳи тадқиқоти ҷамъиятиву гуманитарӣ бояд ба «марказҳои тафаккур» табдил дода шаванд.

Бо мақсади инкишоф додани ғояи миллӣ, баланд бардоштани самаранокии корҳои маънавиву маърифатӣ, тараққии минбаъдаи адабиёт ва маданияти мутолиа дар ҷамъият дар пойгоҳи бунёди ҷамъиятии «Эҷод» хазинаи дастгирии маънавият ва эҷодиёт ташкил карда мешавад. Барои ин ба хазина 120 миллиард сӯмина маблағ ҷудо карда хоҳад шуд, ки баҳри самарабахш татбиқ намудани корҳои маънавиву маърифатӣ, рушди адабиёти миллӣ харҷ мегардад. Аз он 90 миллиард сӯм барои рушди соҳаҳои маънавияту маърифат дар минтақаҳо, 20 миллиард сӯм барои дастгирии фаъолияти Иттифоқи нависандагон, 10 миллиард сӯм баҳри дуруст ба роҳ мондани корҳои маънавиву маърифатӣ дар миқёси мамлакат равона мегардад.

Ин эътибору эътироф орзуи деринаи мо – кормандони соҳаҳои маънавият ва маърифат буд, бинобар ин моро лозим аст, ки ба ғамхориҳои сарвари давлат бо корҳои сазовору шоён ҷавоби амалӣ гардонем.

**Нурмуҳаммад РАҲИМБОЕВ,**
**мутахассиси шуъбаи Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ дар вилояти Намангон.**

Нома ба рӯзнома

# Гурӯҳҳои тоҷикӣ беҳбудӣ мехоҳанд

**Хуб аст, ки солҳои охир дар баъзе мактабҳои олии мамлакат гурӯҳҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ташкил ёфтанд. Ҳамаи ин ба шарофати иродаи сиёсии Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев рӯйи кор омад.**

Вале баъзе аз ин гурӯҳҳо аллакай имрӯз аз набудани толибилмон баста шудаанд ё худ донишҷӯён ба гурӯҳҳои дигар гузаштаанд. Чунончи, дар соли таҳсили 2019-2020 дар Донишгоҳи давлатии Бухоро ба гурӯҳи тоҷикии факултаи филология донишҷӯён қабул карданд. Дар соли таҳсили ҷорӣ бошад, қабул баргузор нашуд. Ҳамин тариқ гурӯҳ, бинобар он ки маъмурияти донишгоҳ бо эълон ва қабули довталабон ҷиддан машғул нагардид, пӯшида шуд.

Дар Донишкадаи давлатии педагогии вилояти Чирчиқ низ айнан чунин вазъият мавҷуд мебошад. Дар ин ҷо соли хониши 2019-2020 гурӯҳи забон ва адабиёти тоҷикӣ боз гардид. Ҳарчанд гурӯҳ тоҷикист, вале тақрибан тамоми фанҳо ба забони дигар омӯзонида мешаванд. Маъмурияти донишкада сабаби инро бо набудани мутахассисон ва воҳиди штатҳо эзоҳ медиҳад. Ҳол он ки дар Чирчиқ ва атрофи он, аз ҷумла дар ҳамин донишкада бисёр кадрҳои педагогӣ аз ҷумлаи тоҷикон ҳастанд.

Дар гурӯҳҳои тоҷикӣ машғулиятҳо каманд, бинобар ин омӯзгорон мехоҳанд дар мактабҳои олии дигар низ кор кунанд. Вале маъмурияти донишкада ба ин кор мусоидат намекунад. Ҷараёни таълим ва сифати дарсҳо низ донишҷӯёнро чандон қаноатманд намесозад.

Умедворем, ки вазири наву ҷавони Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус Абдуқодир Тошқулов ба тарзи ҷиддӣ бо ин мушкилот машғул мегардад, зеро мо дар шахси ӯ мансабдори ҷӯё ва доноро мебинем.

**Ашӯрвой ТОШМАТОВ,**
*шаҳри Чирчиқ.*



*Алҳол дар вилояти Фарғона чандин боғи истироҳат ва масканҳои дилхушӣ мавҷуд мебошанд. Махсусан, дар беш аз 3 гектар майдони шаҳри Фарғона боғи ҳайвонот ҷойгир гаштааст, ки дар он зиёда аз 70 намуди 700 сар ҳайвон ва паррандагони аз кишварҳои гуногун овардашуда парвариш меёбанд. Барои ин ҷонзодҳо дар боғ шароит чун зисти табиии онҳо фароҳам оварда шудааст. Ин ҷо паланги Амур, хирси малла, лама, пони, шери Африқо, гурги Канада, кенгуру, хуки баҳрӣ, ки камёфт мебошанд, нигоҳ дошта мешаванд. Шуъбаи нигоҳубини ҳайвоноти кӯҳӣ масоҳати калонро дар бар гирифтаанд. Скелети паррандаҳои гуногун, динозавр, ки ин ҷо гузошта шудааст, ба ташрифоварандагон таассуроти калон мегузорад.*

***Дар сурат:** дар боғи ҳайвоноти шаҳри Фарғона.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

Акси садо

# БА ҲОВАН ОБ МЕКӮБЕМ

## (ё мактуби кушод ба Ӯзбакбойи Раҳмон)

Бародари азиз! Дарди кӯҳнаамро тоза кардӣ. Ё худ захми носуреро, ки бо сад азоби алим аз хуншоршавӣ эмин медоштам, дониста ё надониста хуншор кардӣ. Чаро чунин кардӣ? Ман мақолаи ту «Китоб, рӯзнома ва забони адабӣ» («Овози тоҷик», 20 январи соли 2021, № 6)-ро дар назар дорам.

Ба фикри оҷизам ҷавоби ин суолро банда низ медонам, аммо аз ин хусус сонитар.

Аз китобу мактабу рӯзнома, ки бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд, бо ҳадафи ба ҷунбиш овардани нангу номуси миллии шаҳрвандони ҳаммиллатамон бо сӯзу гудоз сухан гуфтаӣ. Аҳсант! Аммо лаҳзаҳои андешаҳоятро рӯйи қоғаз овардан ҳеҷ фикр накардӣ, ки бо таъбири халқ «ба ҳован об мекубӣ?» Гумони ғолиб дорам, ки акнун ту мепурсӣ: «чаро?». Ту марди оқилӣ. Сабр пеша кун. Пурсишат бе ҷавоб намемонад.

Дар мактабе, ки (банда айнан ҳамон мактаби ту ба он ҷо рӯзнома бурдаро дар назар надорам) лоақал омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик (аз омӯзгорони китобхону китобдӯст маъзарат мехоҳам, аммо сафи эшон сол то сол мекоҳад, афсӯс) ҳам дар як сол як китоби бадеӣ намехонад, эътимоди қавӣ дорад, ки дар дохили чорчӯбаи китоби дарсӣ сабақ додан кифоя аст, фарҳанги забони тоҷикиро (агар дошта бошад) танҳо баҳри ба фарзанд, ё набераи навзодаш ном гузоштан ба даст мегирад, аз Ҳофиз як ғазал (таҳлили ғазалро намегӯям) ҳифз накардааст... рӯзнома бурдан магар «ба ҳован об кӯфтан» нест? Боз ҳар яктояш се ҳазорсӯмӣ-а! Андеша накардӣ, ки муаллимро «хонавайрон» мекунӣ?

Дар яке аз мактабҳои сирф тоҷикии ноҳияи Сайҳунобод шогирде (соли сипаригашта мактабро хатм кард) панҷоҳ ғазали Алишер Навоиро пайи ҳам ифоданок қироат ва боз маънидод ҳам карда метавонад, аммо (сад дареғ!) кӣ будани Ҷалолиддин Балхии Румӣ намедонад, аз сеҳри сухани қудсии Ҳофиз ва шаҳди каломи Камол бебаҳра аст. Устодаш муаллими фанни забони давлатӣ, аз рӯйи ихтисос муаллими забони русӣ аст. Дар ҳамон мактаб омӯзгорони маълумоти олидори фанҳои забону адабиёти тоҷик ҳам ҳастанд. Асабҳои эшон мустаҳкам аст, боз ҳеҷ кас намепурсад, ки "шумо ҳам ҳастед, ё на?"

Аз озмуни китобхонон дар ҷумҳурии ҳамсоя ёдовар шуда, таъкид мекунӣ, ки дар кишвари мо низ муносибат ба китобу китобхонӣ ба дараҷаи сиёсати давлат боло рафт. Бале, ҳақ асту рост. Роҳбари кишвар решаи иллати маънавиро дарёфт ва ба он табар зад. Кош тадбирҳои марбути ин соҳа байни мактабҳое, ки таълиму тарбия дар онҳо ба забони тоҷикӣ аст, ба роҳ монда мешуд. Барои ин фармон, ё қарори махсуси Президент лозим нест. Дархости халқ, ташаббус ва андак эътибори роҳбарони соҳа кифоя аст, ки мушкил ҳаллу фасл шавад, зеро то кӯдак гиря накард, модар сина надод. Ва мо кӯдакони босабрем.

Чанд сол қабл бо се директори мактабҳои тоҷикӣ суҳбат ороста, аз фишурдаи он ба рӯзномаи "Овози тоҷик" маводе навишта будам. Ҳини суҳбат таклиф кардам, ки байни ҳамин се мактаб конфронси китобхонҳоро ба роҳ монем. Он лаҳза банда низ намедонистам, ки "ба ҳован об мекӯбам". Дар деҳаҳои тоҷикнишине, ки таълиму тарбия ба ду забон аст, микдори хонандагони синфҳои тоҷикӣ торафт кам мешавад. Ин аламовар аст! Волидон сабаб меоранд, ки дар донишкадаҳои ғайрипедагогӣ тестҳои дохилшавӣ ба забони тоҷикӣ нест. Ташкил кардани такмили ихтисоси муаллимони забон ва адабиёти тоҷик низ муаммои сарбастаест. Чун дар адабиёти мо муаммогӯйӣ ва муаммокушойӣ аз байн рафтааст, кушодани муаммои болоӣ мушкилиҳо дорад.

Агар тоқати гӯш кардан дорӣ, воқеаеро нақл мекунам. Охири солҳои навадуми қарни гузашта як "Москвич"-и нимдоштам буд. Мошинсавор ба аёдати хеши беморамон, ба шаҳри Гулистон рафтам. Ҳини бозгашт баллони мошин фанд доду ба устохонаи таъмири баллон даромадам. Ҷавони хушмӯйлабе пешвоз гирифт, аз магнитафонаш суруди эстрадии тоҷикӣ чунон баланд садо медод, ки мо сухани якдигарро намешунавидем. Ишора кардам, ки овози магнитафонро пасттар кунад. Пас, пеш аз арзи матлаб пурсидам, ки оё матни сурудро мефаҳмад.

– Не, – ҷавоб дод ӯ.

– Пас, чаро гӯш мекунӣ?

– Ако, мо ҳам як замонҳо тоҷик будем, – фориғболона ҷавоб дод ҷавон.

– Ҳоло чӣ?

– Ҳоло танҳо бобоям тоҷикӣ медонад.

Аз ин ҷавоб банда на маҷоли хандидан доштаму на гиря кардан... Мабод, ки қисмати он ҷавон ба сари фарзандони мо ояд.

Масъалаи китобу мактабу рӯзнома дарди миллат аст ва мабодо, ки ин дард ба захми носур мубаддал шавад. Ҳоло фурсат расидааст, ки падару модарон "чаро фарзанди ман ба мактаби олӣ дохил нашуд" гуфта, гиребони муаллимро бигиранд. Аммо боз ҳамон гап: модарон серкоранду кӯдакон сабру таҳаммули ҳайратафзо доранд...

Бародари азиз, ту марди хушзеҳнӣ. Аз ин рӯ бояд фаҳмида бошӣ, ки чаро дарди кӯҳнаи маро нав кардӣ ва чаро "ба ҳован об мекӯбӣ" гуфтам. Мо, ки ҳамдардем, биё, ба ҳар гӯш нағоракӯбӣ накунем. Ё гумон дорӣ, ки пас аз "андешаҳо"-ят ҳамдардони зиёде пайдо мешаванд? Кошкӣ, ҳамин тавр шавад...

**Тӯхтамиши БОҚӢ,**
**журналист.**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

Ҳуқуқи истеъмолгар

## Идораи барқ — ҳақ

**Сокини ноҳияи Чуст Шамсиддин Акбаров аз қатъ гардидани нерӯи барқ норизо шуда, ба ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон ба рақами телефони боварии федератсия – 1003 занг зад.**

Ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарони ноҳия ин ҳолатро дида баромад. Тавре ки мутахассисони корхонаи барқ муайян намуданд, дар ҳудуди истиқоматии аризадиҳанда қатъшавии нерӯи барқ дар асоси бандҳои 154, 155-уми қарори Девони Вазирон, ки 12-уми январи соли 2018 «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба такмил додани тартиби истифода аз нерӯи барқ ва гази табиӣ» тибқи ҷадвали маҳдудкуние, ки ба ҳукумати маҳаллӣ амалӣ гардидааст, муайян гардид.

## Истеъмолгар ҳақ аст

***Муроҷиати истиқоматкунандаи маҳаллаи Дӯзанда Раъно Рашидова бо воситаи телефонҳои боварибахш бо Президенти Ўзбекистон оиди масъалаи қарздории ғайриреалӣ аз ҷониби мутахассисони ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарони ноҳияи Чуст омӯхта шуд.***

Маълум гардид, ки истеъмолгар 14 ноябри соли 2019 аз мағозаи «Оила» – воқеъ дар маркази ноҳия, телевизори тамғаи «Артел 32»-ро ба муддати як сол, ба кредит гирифта буд. Сарфи назар аз он ки миҷоз ҳиссаи кредитро моҳ ба моҳ мепардохт, ба зиммаи ӯ ба миқдори 301 ҳазор сӯм қарз монданд. Бино ба ҳисоби худаш ин қарздорӣ 155 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад. Дар ниҳояти кор ҳақ будани истеъмолгар маълум шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

***Адиби маъруфи тоҷик Адаш Истад ва собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Ғафурҷон Маҳмудов беш аз бист сол доир ба дирӯзу имрӯзи шаҳри бостониамон бо номи «Армуғон» асари пурмӯҳтаво навишта буданд, ки ба се забон нашр гардид. Китоби мазкур аз ҷониби тадбиркор Акбар Маҳмудов бо талабу дархости муҳаққиқону донишҷӯён, таърихшиносону маърифатпарварони Самарқанд дубора чоп шуд.***

## АРМУҒОНИ ДУБОРАИ «АРМУҒОН»

Ба китоб Қаҳрамони Ўзбекистон Ҳасан Нормуродов пешгуфтор навишта, таъкид кардааст, ки маҷмӯаи мазкур туҳфаи муносибест ба иди 30-солагии Истиқлолияти Ўзбекистон. Дар китоб мақолаҳои публисистӣ, илмиву оммавӣ ҷамъ омада, арзиши баланди таърихӣ ва ахлоқиву маърифатӣ дорад.

Воқеан, кас ҳангоми мутолиа гӯё ба асри миёна «сайр» карда, бо ҳаёт ва фаъолияти яке аз пешвоёни тариқати Нақшбандӣ — Хоҷа Убайдуллоҳ Аҳрори Валӣ шинос мешавад.

Китоб аз силсилаи «Аз китобхонаи «Овози Самарқанд» ба шумор меравад.

– Ҳамкорону ҳамкасбон ният доранд, ки ба муносибати зодрӯзи қиблагоҳам китоби хотирот ва асарҳои илмии ӯро таҳия ва чоп кунанд. «Армуғон» армуғонест ба мавлуди падарам, маслиҳатгару раҳнамо ва шаҳсутуни хонадонам, – гуфт Акбар Маҳмудов.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Таърихи диёрро меомӯзем

# ЮНУСОБОД ОБОДТАР МЕШАВАД

***Президент Шавкат Мирзиёев чанде пеш бо раисони маҳаллаҳо ва ҷавонони ноҳияи Юнусободи пойтахт вохӯрд ва таъкид кард чун дар дигар ноҳияҳои пойтахт ҷорӣ шудани низоми маҳаллабайъ дар Юнусобод, фаъолнокии ҷавонон дар амалисозии ислоҳот дар кулли ҷабҳаҳо дар ноҳияи зикршуда низ, ки 40,6 км. кв. масоҳатро дар қисми шимолии пойтахт фаро гирифтааст, самараи худ мебахшад.***



Аз 297 ҳазор нафар аҳолие, ки дар ин ҷо маскун, қисми муайянро ҷавонони то 30-сола ташкил менамоянд. Дар 63 маҳаллаи ин ҳудуд фаъолнокии ҷавонон дар мустаҳкамсозии пояҳои иқтисодӣ бараъло ба мушоҳида мерасад.

Пойтахт аз 11 ноҳия таркиб ёфта ва Юнусобод соли 1936 ташкил гардидааст. Пештар номи Кировро дошт, 8 майи соли 1992 Юнусобод ном гирифт, яъне ноҳия ба номи яке аз фарзандони шарафманди Чочи куҳан Юнусхоҷӣ, ки дар асри XIX дар корҳои ободонӣ, барпои боғу токзорҳо, сарҷамъсозии аҳолӣ дар маҳалҳо хидмати босазо карда буд, гузошта шуд.

Зилзилаи соли 1966 ба ин қисмати Тошканди азим низ осеби калон расонд.

Барқарорсозие, ки оғоз ёфт, соли 1968 суръати тоза гирифт. Дар як муддати кӯтоҳ дар ҳудуди 700 ҳазор кв.м. манзилҳои нави бисёрошёна сохта шуданд.

Соли 1985 дар Юнусобод телеманораи дар Осиёи Марказӣ баландатрин (375 метр) ба истифода супурда шуд. Соли 1997 боғи нави ҳайвонот дар ҳудуди 23 гектар барпо гашт. Алҳол дар зоопарки типи замонавӣ 415 навъ ҳайвонот парвариш меёбанд, миқдори умумиашон аз 3 ҳазор мегузарад.

Дар ноҳияи Юнусобод алҳол 5302 корхонаву ташкилот фаъолият мебарад.

Аз ҷумла, 390 корхонаи муштарак маҳсулоти хушсифат бароварда, пойтахтро ба бозорҳои берунӣ мепайванданд.

Талаб ба маҳсулоте, ки заводи вагонсозӣ, фабрикаи китобу журнал, корхонаҳои «Зенит-электроникс», «Новофарм плюс», «Азия-Силк», «Растр», «Супертекстил» мебароранд, берун аз ҷумҳурӣ низ меафзояд.

Юнусобод бо ҷойҳои таърихӣ, қадамҷойҳои муқаддас, иншоотҳои замонавӣ, масканҳои истироҳатӣ, айни замон, диққатҷалбкунанда мебошад. Дар кӯчаҳои ноҳия ба хориҷиён низ дучор меоед, ки барои зиёрат ё саёҳат, коршиносию тиҷорат омадаанд.

Дар барномаи инкишофи маҷмӯии ноҳияи Юнусобод, ки барои солҳои 2021-2022 таҳия гардидааст, хусусан, тараққӣ додани саноат мадди назар аст. Хидматрасонӣ, айни замон, аз масъалаҳои муҳим. 141 лоиҳаи калон ва миёнаи сармоявӣ, ки арзиши умумиашон 14,4 триллион сӯмро ташкил менамояд, маҳз баҳри равнақи саноату хидматрасонӣ пешбинӣ гардида, дар доираи онҳо бевосита азхуд карда шудани 936 миллион доллари ИМА ба нақша гирифта шудааст.

Чун дар дигар ҷойҳо дар ҷамоатҳои шаҳрвандии маҳаллоти ноҳия мушкилот вобаста ба шуғл мавҷуд ва имкониятҳо дар ин самт омӯхта мешаванд. Бо истифода аз имконоти дохилӣ ва ҷалбсозии сармояи хориҷӣ ташкил кардани саҳл кам 8 ҳазор ҷойи нави корӣ ба нақша дароварда шудааст. Ташаббусҳои ҷавонон дастгирии соҳибкорӣ – пуштбонӣ, бо татбиқи барномаи «Ҳар як оила – соҳибкор» рушди тиҷорати оилавӣ ва хонакорӣ аз вазифаҳои муҳим қарор гирифтааст. Як миллиард сӯме, ки аз ҳисоби Бунёди кӯмак ҷудо гашт, баҳри ривоҷи соҳибкорӣ ва таъмин бо шуғл равона мегардад. Интизор меравад маҳз бо мадади молиявии Бунёди зикршуда 260 нафар бекорон дар ноҳияи Юнусобод ба шуғл фаро гирифта шаванд.

Бо пурра ба кор андохта шудани хати метрои Юнусобод дар шафати бозори деҳқонии ноҳия ва гирду атрофи «Универсам» ободонӣ ва хуррамсозӣ суръат ёфт, кӯчаи ба номи Аҳмади Дониш куллан симои худро тағйир дод. Он тавре васеъ гашт, ки дар як вақт 8 автомобил баробар ҳаракат карда метавонад. Аз таъмири пурра баровардани боз 86 кӯча дар ноҳияи Юнусобод дар барномаи инкишофи маҷмӯӣ номнавис шудааст.

Маълум, ки баҳри омӯзонидани касбу ҳунар ба ҷавонон мақомоти меҳнат чораҳои мушаххас меандешад. Бо роҳхати ин мақомот 600 нафар ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд.

Дар ҷамъомади фаъолони ноҳияи Юнусобод, ки бо иштироки Президент, ҳокимони ҳамаи ноҳияҳои пойтахт ва роҳбарони секторҳо баргузор гардид, раисон ва фаъолони маҳаллаҳо аз бобати норасоиҳо низ ҳарф заданд. Гуфта шуд байни биноҳои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Янгибоғ» ва «Янгиобод» корхонае мавҷуд, занону духтарони ин ду маҳалла ва дигар маҳаллаҳои атроф дар он кор мекунанд, вале ин 5-6 моҳ давом мекунаду бас. Коргоҳ фаъолияти худро қатъ кардааст. Баъди чанде аз нав корҳои дӯхтудӯз сар мешаванд, вале дере нагузашта корҳо боз қатъ ва коргарон бекор мемонанд. Дар ду-се соли охир ин чанд бор такрор ёфт. Хуб мешуд мушкилот омӯхта ва фаъолияти муттасил дар ин ҷо ба роҳ гузошта шавад, занону духтарон сарсон нагарданд.

Дар масъалаи баробарии гендерӣ, таъмини ҳарҷонибаи ҳуқуқи бонувон, ҷалбсозии онҳо ба корҳои роҳбарию идорасозӣ низ Президент баромади ҷолиб намуд.

Воқеан ҳам мард ба масал шоҳ бошад, вазири дасти рости ӯ – зани оқила. Юнусоҳоҷӣ, ки ба номаш гузошта шудани яке аз қисматҳои шаҳрро гуфтем, Шамсиқамар ном ҳамсари хуштадбир дошт, вай баробари шавҳар меҳнат мекард, дар азхудсозии майдонҳои мавзеъҳои Чинобод, Чоштепа ва Оқтепа, васеъсозии роҳҳо, кандани ҷӯйборҳо, барпои қалъа ва корвонсаройҳо саҳм мегирифт.

Ӯву шавҳараш Юнус аз Себзор, Тахтапул, Катта Бузург ва дигар даҳаҳо оилаҳои ночорро кӯчонда оварда, хонаву ҷой сохта дода, қитъаҳои замин ҷудо карда, гов ва гусфанд туҳфа намуда, барои боғдорӣ ва чорвопарварии шаҳрванд имконият фароҳам меоварданд.

Зану шавҳар ёфту даромади худро бо ночорҳо баҳам медиданд. Соли 1851 бо кӯмаки бевоситаи онҳо 12 тӯйи арӯсӣ, 7 тӯйи суннатии оилаҳои ниёзманд гузаронида шуд. Аз ҳамон вақт сар карда дар иди Наврӯз ош додан, ба фақирон ҳадяҳо додан, бекас ва барҷомондаҳоро хабар гирифтан дар ин ҷо ба анъана даромад. Ҳар иди баҳор 2 барзагов, 10 гӯсфанд мекушонд Юнусҳоҷӣ, хайрияҳо ташкил мекард.

Юнус соли 1897 дубора ба зиёрати ҳаҷ рафт. Бемор гашт. Ҳамроҳонаш Қамбар ва Деҳқонбой бе ӯ ба Тошканд баргаштанд. Васиятномаеро, ки ҳоҷӣ ба Шамсиқамар навишта буд, расониданд. Хабари нохуши «Юнусҳоҷӣ аз олам гузаштааст» барқвор паҳн шуд. Халоиқ, гуфт фаъоли маҳалла Солеҳхон. Аз нек боғ, гуфтаанд. Аз Юнусҳоҷӣ чӣ монд? Номи нек ва ватани обод, гуфтанд ҷамъшудагон. Аз ҳамин рӯз эътиборан ин ҷоро Юнусобод ном гузорем, чӣ мегӯед? Холдорбобо ном мӯйсафед: «Ин ҷойҳо ҳақиқатан Юнусобод!» гуфт бо овози баланд.

Имрӯз як маҳаллаи ҷудогона не, яке аз калонтарин ноҳияҳои Тошканд Юнусобод ном гирифтааст. Юнусобод боз ҳам ободтар мешавад.

**М. ШОДИЕВ.**

# Марраҳои нав, қадамҳои якдилона

***Маълум аст, ки имрӯзҳо гурӯҳҳои тарғиботӣ дар ҳудудҳо бо аҳолӣ вохӯрда, мазмуну моҳияти Муроҷиатномаи Президентро ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон мефаҳмонанд. Самтҳои асосии ин ҳуҷҷати муҳимро таҳлил ва баррасӣ мекунанд.***

Чунин вохӯрӣ ба наздикӣ дар қисми ҳарбии ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах доир гардид. Дар он тарғиботчиёне, ки аз аҳли зиё, устодони муассисаҳои таълими олӣ, ходимони марказҳои маънавият таркиб ёфтаанд, оид ба соҳаи иҷтимоӣ, ислоҳоти суду ҳуқуқ, либераликунонии иқтисодиёт, амният ва кушодадилии динӣ маърӯзаҳо карданд.

Дар маҷлисгоҳи ҳокимияти ноҳия низ бахшида ба муҳокимаи Муроҷиатнома бо иштироки ходимони секторҳо ва ҷавонон ҷамъомад ташкил гардид. Ин ҷамъомадро вобаста ба мазмуну моҳияти Муроҷиатнома «Марраҳои нав, қадамҳои якдилона» номиданд.

Ҳоло дар ноҳияву деҳаҳои вилоят гузаронидани ҷамъомадҳо бахшида ба самтҳои асосии Муроҷиатнома давом мекунад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Аукцион савдолари хабарномаси*

## «BEST AUKSION SAVDO»

**масъулияти чекланган жамияти мулкнинг бошланғич баҳоси ошиб бориш тартибида ўтказиладиган очиқ аукцион савдоларига таклиф этади.**

I. 2021 йил 25 феврал куни соат 15-00 да ташкил қилинадиган савдоларга «O'zmetkombinat» акциядорлик жамиятининг 21.01.2021 йилдаги № 24/17-сонли буюртмасига асосан жамият ҳисобидаги 2008 йилда и/ч, д/р 10 702 WAA, техник ҳолати носоз (авария холатда) бўлган Tayota Camry русумли енгил а/в қўйилмоқда. Бошланғич баҳоси 40 885 000 сўм (Қирқ миллион саккиз юз саксон беш минг).

Талабгорлар диққатига.

Белгиланган санада аукцион савдоси бўлиб ўтмаган тақдирда такрорий аукцион савдоси 2021 йил 04, 11, 18 март кунлари соат 15-00 да бўлиб ўтади.

Аукцион савдоларида иштирок этиш учун буюртманомалар «Аукцион ташкилотчиси» томонидан расмий иш кунлари савдодан бир кун олдин (байрам ва дам олиш кунларидан ташқари) соат 10-00 дан 16-00 гача қабул қилинади. (13-00 дан 14-00 гача тушлик).

Аукцион савдоларида иштирок этиш истагида бўлган талабгорлар «Аукцион ташкилотчиси» билан тузиладиган закалат пули тўғрисидаги келишув шартномасига асосан мулк бошланғич баҳосининг 10 фоизи миқдордаги закалат пулларини тўлашлари ҳамда жисмоний шахслардан паспорт нусхаси, ҳуқуқий шахслардан давлат рўйхатидан ўтганлиги тўғрисидаги гувоҳнома, устави нусхаси шунингдек, савдода қатнашувчи ишончли вакил учун белгиланган тартибда тасдиқланган ишончнома тақдим этилиши сўралади.

Талабгорлар Аукцион ташкилотчисининг ҳисоб рақамига қўшимча хизматлар учун энг кам ойлик иш ҳаққининг 2 баравари миқдорида пул тўловларини тўлаб беради.

Аукцион савдоси ғолибига 10 кунлик муддат ичида олди-сотди шартномасини тузиш мажбурияти юклатилади. Сотувчи томонидан мулк учун тўловларни тўлаш муддати олди-сотди шартномаси тузилганда белгиланади.

Закалат тўлови учун реквизитлар: «BEST AUKSION SAVDO» MChJ, ҳ/р: 20208000500842711001, АТБ Қишлоқ қурилиш банк Тошкент шаҳар минтақавий филиали МФО: 00452, СТИР: 305300366.

Аукцион савдосига қўйилган мулк билан жамият ходими иштирокида жойига чиқиб танишиш мумкин.

Мурожаат ёки қўшимча маълумотлар учун манзил ва телефон:
Манзил: Тошкент вилояти, Қибрай тумани, Геофизика қўрғони.
Тел: (99) 862-16-71, E-mail: bas_savdo@mail.ru гувоҳнома № 576174.

# ОРЗУҲОЯМРО ФАРЗАНДОН АМАЛӢ КАРДАНД

***Ҳар як падару модар мехоҳад, ки фарзандони ӯ рӯҳан ва ҷисман солим ба воя расанд.***

4 нафар писарони оилаи Ҳоҷиматов, ки дар маҳаллаи Себзори ноҳияи Чуст умр ба сар мебаранд, муносиби падару модар шуда ба воя расиданд. Сарвари хонадон Ғаниҷон ва модари фарзандон, сарвари шуъбаи ноҳиявии Ҷамъияти ҳилоли Аҳмар Нодира барои таълиму тарбияи фарзандон ҳамаи шароитро фароҳам оварданд.

– Орзуҳоямро фарзандонам амалӣ карданд, – мегӯяд модари фарзандон. – Вақти хатми мактаби миёна ба волидон гуфтам, ки дар соҳаи ҳарбӣ хонданиам, онҳо монеъ шуданд. Аз ин сабаб ният карда будам, ки фарзандонам ҳарбӣ шаванд.

Умри инсон тезгузар аст. Орзуҳои дериинаам ҷомаи амал пӯшид. Ҳоло фарзандонам барои халқ ва Ватан хидмат мекунанд. Ба осудагии ҳаётамон ҳиссаашонро мегузоранд. Шукргузорам, ки орзуҳоям армон нашуд. Исботи амалии онро дар фаъолияти фарзандонам мебинам. Раҳматнома ва мактубҳои миннатдориеро, ки аз қисмҳои ҳарбӣ меоянд, хонда, шукр мекунам.

Писари калониам Бахтиёр – подполковник. Дар яке аз қисмҳои ҳарбии Фарғона хидмат мекунад. Отабек бошад, дар Қашқадарё — майор. Ҷӯрабек дар Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ кор мекунад. Писари хурдиам Ҷасурбек дар фурудгоҳи Намангон хидмат мекунад. Ӯ низ аз пайи бародаронаш рафт.

Рушди мамлакатамон аз фаровону осуда умргузаронии аҳолӣ дарак медиҳад. То чунин писарони далеру мард ҳастанд, дар кишварамон осоиштагӣ ҳукмфармост.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*




## *Модар ва тифл*

*Ду чашми пуршарорат – ду ситора,*
*Ба чашмони ту модар – моҳпора.*
*Надонӣ, тифл, умри беҳтаринат*
*Гузар дорад даруни гоҳвора...*

*Кӣ пазмон нест кӯи кӯдакиро,*
*Табассумҳои рӯи кӯдакиро?*
*Кадомин накҳати гулҳои олам,*
*Иваз бинмуд бӯи кӯдакиро?*

*Куҷо савте, ки ҷону дил пазирад,*
*Кушояд чашм шодӣ, ғам бимирад?*
*Куҷо модар, ки бар хобам дарояд,*
*Бигӯяд алла, ҷон ором гирад?*

*Турову даври тифлӣ ёд кардам,*
*Чи сон хоҳам, ки аз нав тифл гардам!*
*Зидоят аллаат, эй модари ҷон,*
*Аламҳои дилам, андӯҳу дардам.*

*Навозад гӯши ҷони ман садоят,*
*Ҳаловатбахш, модарҷон, навоят.*
*Суруде ҳаст монанди сурудат?*
*Гувороят ин қадр аллаҳоят!*

*Туӣ бардам ба дасту пои баста,*
*Ба по хоҳӣ шудан аз ҷой ҷаста.*
*Сари гаҳвора бо бедорхобӣ*
*Нигоҳи модари зори ту хаста.*

*Ба гӯшат алла, бар чашми сиёҳат*
*Биёяд хоб. Модар дар нигоҳат.*
*Нахоб, эй тифл, як дам гӯш андоз*
*Ба савти ҷонфазо, бинмой роҳат!*

*Чӣ бахте, тифл дар гаҳвора будан,*
*Нигоҳи гарми модар ҳис намудан.*
*Шунидан аллаҳои рӯҳпарвар,*
*Ба хоби ноз рафтан – барғунудан.*

*Сари гаҳвораи ту модари ту,*
*Ки ҷони ӯст болои сари ту.*
*Гул астӣ, модари ту боғбон аст,*
*Фидои модари гулпарвари ту!*

*Нишинӣ бар сари гаҳвора ҳар гоҳ,*
*Малакҳоянд гӯё бо ту ҳамроҳ.*
*Худогӯю худоҷӯ, модари ман,*
*Нагӯӣ алла, гӯё гӯӣ Аллоҳ.*

*Чӣ бахте, тифл хандад, баршукуфтан,*
*Чу гиряд, то саҳаргоҳон нахуфтан.*
*Чӣ бахте, модарӣ изҳор кардан –*
*Сурудан, то дами субҳ алла гуфтан!*

***Ш. МУҲАММАД.***

***ФОЛНОМА***

### ДАР БОБИ ЗАНИ ҲОМИЛА, КӮДАКИ НАВЗОД ВА ХУРД

Агар зани ҳомила марворид хоб бинад, духтар таваллуд кунад.

***

Агар зани ҳомила шамшер хоб бубинад, писар хоҳад зоид.

***

Зане, ки ҷин дошта бошад, набояд ба аёдати зани навзод биравад, дар акси он кӯдаки ӯ низ ба марази ҷинзадагӣ гирифтор шавад.

***

Агар синаи рости зани ҳомила бузург шавад, кӯдакаш писар бувад ва агар синаи чапаш бузург шавад, духтар шавад.

***

Агар зани ҳомила ҳангоми ба сар гузоштани қадре намак дафъатан дасташро ба фарқаш бикашад, писар ва агар ба рӯяш бикашад, духтар таваллуд кунад.

***

Агар зани ҳомила дар қошуқ об бихурад, кӯдакаш носолим таваллуд шавад ё бинии навзодаш калон хоҳад шуд.

Таҳияи **Д. ОБИДОВ.**

## Ҷавоби модар

Аз модар суол карданд:

— Кадоме аз фарзандонатро бештар дӯст дорӣ?

Модар посух дод:

— Фарзанди беморамро то сиҳатёбиаш, дар сафар бударо то аз сафар баргаштан, аз ҳама хурдиашро то бузург шудани ӯ, дар маҷмӯъ, ҳамаашонро то фаро расидани марг дӯст дорам.

Таҳияи **ДУРАНДЕШ.**



*София Ҳакимова олими соҳаи тибби аҳди шӯравист. Ӯ 20 декабри соли 1924 дар шаҳри Конибодоми Тоҷикистон таваллуд шудааст. Дар ин минтақа аввалин тоҷикзанест, ки дар 33-солагӣ дараҷаи доктори илмҳои тиббиро ба даст даровардааст.*

*Аъзо-мухбири Академияи илмҳои тибби ИҶШС, Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон, аъзо-мухбири АТИР. Ба сифати мутахассиси назаррас дар соҳаи акушерию гинекологӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Дар ИҶШС бори нахуст дар назди зоишгоҳи рақами якуми шаҳри Душанбе лабораторияеро бино бар ирсиятшиносӣ созмон додааст. Ӯ соли 2015 вафот кардааст.*

*АНДЕША ВА РОЗҲО*

### ГАРОНТАРИН ФОҶИА

Фироқ аз модар – ҷудоӣ аз офтоби умр. Пайванд гусаста шавад бо модар, агар бигзарад аз дунё. Дунё хористон, тангу тор бишавад аз ҷудоӣ бо модар. Аз ҷудоӣ нолаҳо бикунад одамизод, бовар накунад ба марги модар..

Дар дунё ҷудоиҳо дар миёни мардум бисёр аст, аммо дилсӯзтар аз ҷудоӣ бо модар набудаасту нахоҳад буд. Инсон дар умри кӯтоҳаш фоҷиаҳоро аз сар бигзаронад, аммо сахттарин, гаронтарин фоҷиа марги модар аст.

### РАВАМ БА САРИ ҚАБРИ МОДАР...

Модари ҷонам, оташи ғам ва андӯҳ бисӯзад вуҷуди маро пас аз даргузашти ту. Кунун кист, ки меҳрубон ва дилсӯз бошад маро? Акнун кӣ маро дилбардорӣ кунад, биомӯзад шикебоӣ?

Биравам ба сари қабрат навҳагарӣ кунам аз дарди фироқ бо ту... шифо биҷӯям ба дардам аз рӯйи ту.

**Ӯктам ИБРОҲИМ.**

# ЭСЕН – АЗ АВЛОДИ МАВЛОИ РУМ

Ҷалолуддин Балхии Румӣ яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳон маҳсуб меёбад. Мавлоноро суханвароне ба мисли Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил устоди худ донистаанд.

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлои Рум дар баробари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Девон»-и Хоҷа Ҳофиз шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Зиндагинома ва осори ӯро натанҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ бо иштиёқи баланд омӯхтаанд ва меомӯзанд.

Шоир ва мутафаккири бузург 30 сентябри соли 1207 дар вилояти Балх — шимоли Афғонистони имрӯза, дар оилаи шайхи бузург Муҳаммад Баҳоуддини Валад дида ба дунё кушодааст. Баҳоуддини Валад сӯфӣ ва донишманди фиқҳ буд. Аз ин рӯ, ӯро Муҳаммади Хоразмшоҳ ба дарбор даъват менамояд. Вале Баҳоуддини Валад, даъвати ӯро напазируфта, бо мактабдорӣ ва корҳои илмию эҷодӣ машғул мешавад. Момои Ҷалолуддин духтари Хоразмшоҳ буд. Валад баъди даъвати Хоразмшоҳро рад намудан, бо оила ва муридони худ аз Балх берун меравад ва роҳи Маккаро пеш мегирад. Дар бозгашт, баъди чанде саргардонӣ дар шаҳрҳои Ироқу Аҷам, муқими шаҳри Қуниёи Туркияи имрӯза мегардад. Баҳоуддини Валадро султонҳои Салҷуқ гарм истиқбол мегиранд. Баъди вафоти Валад, бори мударрисии Қуниёро ба ҷойи ӯ Ҷалолуддини Румӣ бар дӯш мегирад.

Ба қавли Алишери Навоӣ «устоди устодон» — Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ чунин фармудааст:

*Ман чӣ гӯям васфи он*
*оличаноб,*
*Нест пайғамбар,*
*вале дорад китоб.*

Шоир ва мутафаккири бузург 17 декабри соли 1273 аз олами фонӣ ба дунёи боқӣ реҳлат менамояд.

Маҷмаъае, ки Мавлоно дар он дафн гардидааст, имрӯз яке аз зиёратгоҳҳои асосии Қуниё маҳсуб меёбад. Ба ин шаҳр ҳар сол, барои зиёрат кардани қабри Мавлои Рум, ним милён нафар хориҷиён ва 1,5 милён нафар сайёҳони дохилӣ меоянд.

Чанде қабл мо — як гурӯҳ журналистони ӯзбекистонӣ, ҳангоми сафар дар Туркия, ба зиёрати қабри Мавлоно рафтем. Он ҷо дар чорабинии «Шоми арӯс», ки ҳар сол дар рӯзи вафоти Ҷалолуддини Румӣ баргузор мешавад, ширкат ҷустем. Дар рафти сафар, ҳамчунин, бо авлоди бисту дуюми Ҷалолуддин Балхии Румӣ: момои 82-сола — Эсен Челебей вохӯрдем. Эсен Челебей ба суолҳои мо, ки ба аҷдоди ӯ, хусусан ба Ҷалолуддини Румӣ тааллуқ доштанд, посух дод. Гуфт, ки шоир ва мутуфаккири бузург аз ҷониби модар ба хоразмшоҳиён иртибот дорад.

Хонуми Эсен Челебей дар рафти суҳбат гуфт: барои ӯ шарафи бузург аст, ки авлоди чунин нобиғаи нотакрор мебошад, аз овони наврасӣ ба амиқ омӯхтани мероси бобои хеш камар баста будааст.

— Ба ин мақсад факултаи филологияи забонҳои арабию форсии Донишгоҳи адабиёти Истанбулро хатм кардам, — гуфт хонуми Эсен. — Дар роҳи тарғибу ташвиқи осори Мавлоно кӯшиши зиёде ба харҷ додаам. Дар конфронсҳои илмии мавлавишиносие, ки дар кишварҳои гуногуни дунё баргузор мегардад, маро хуш истиқбол мегиранд.



Мавлои Рум дар тӯли умри хеш одамонро, сарфи назар аз дину нажод, ба накӯкорӣ ва ҳамбастагӣ даъват намудааст. Зеро ғаму шодии инсонҳо якранганд. Дареғ, бо вуҷуди рушди илму техника, имрӯз инро на ҳама дарк менамоянд. Дар минтақаҳои мухталифи сайёра низоъҳои гуногун давом доранд. Инсонҳо бо вуҷуди ин, ки як чизро мехоҳанд, якдигарро намефаҳманд...

Бино ба иқрори хонум ба ӯ аз Румӣ мероси моддӣ боқӣ намондааст. Ашёе, ки тӯли қарнҳо дар хонаи Мавлавӣ нигоҳдорӣ мешуданд, имрӯз аз осорхонаи ӯ ҷой гирифтаанд. Вай таъкид нумуд, ки ҳоло ворисони ин мерос бани башар мебошад.

– Мероси Мавлоноро имрӯз дар Шарқу Ғарб аз ҷиҳати назарӣ меомӯзанд. Рӯзгоре дар минтақаҳои гуногун мавлавихона ва мактабҳои Мавлавӣ фаъолият нишон додаанд. Вале хонақоҳҳо, ки учоқи мавлавихонӣ будаанд, ҳоло аз фаъолият бозмондаанд,— ба суханаш идома дод хонум.

Ҳамчунин, хонум изҳор дошт, ки бисёр мехоҳад аз Ӯзбекистон дидан кунад.

— Ӯзбекистон сарзамини бостониву зебост. Медонам, ки дар ин кишвар Мавлоноро дӯст медоранд, мероси маънавии бузургворро бо камоли майл меомӯзанд. Афсӯс мехӯрам, ки дидани Ӯзбекистон то имрӯз насиб накардааст. Мехоҳам ба ин орзуям бирасам, — гуфт дар хотимаи суханаш хонум Эсен.

**Беккул ЭГАМҚУЛОВ.**

БОНУВОНИ ПОРСИГӮЙ

# «...ТАТАББӮИ ХУСРАВ МЕКУНАД»

Зери сарпарастии сулолаи Темуриён шеъру сухангустарӣ ба анъана табдил ёфта, хондани китоб ва таҳсил дар мактаб вазифаи ҳаётии ҳар як фарди кишвар шуда буд. Занҳо низ чун тарбиятгари асосии фарзандон дар ин ҷода саҳми худро гузоштаанд ва шароити таълими духтаронро баробари писарон ороста сохтаанд.

Дар баҳористони назми доираи адабии Ҳирот бонуе бо мавзунии офариниши ашъори худ эҳтироми аҳли суханро ба худ ҷалб намудааст, ки намунаҳои абёти ӯ барои пажӯҳишгарон ва ҳаводорони адабиёт ва соҳаи таълим туҳфаи бебаҳо аст. Бону Исматӣ хоҳари кӯчаки шавҳари Меҳринисо мебошад. Дар тазкираи Фахрии Ҳиравӣ «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» зикр шудааст, ки «Исматӣ аз вилояти Хоф буда ва бародар доштааст, ки он ҷо чанд гоҳе ҳаким буда ва бад-он муносибат Ҳакимӣ тахаллус дорад... Бағоят солиҳа ва соҷида буд». Маълум мешавад, ки хонум Исматӣ аз вилояти Хофи Эрон будааст. Дар тазкираи «Парданишинони сухангӯ»-и Могаҳ Раҳмонӣ низ ӯ чун Исматии Ҳиравӣ муаррифӣ гардидааст: «Исматии Ҳиравӣ хоҳари Мавлоно Ҳаким аст. Вай дар қарни нӯҳум (асри XV-уми меладӣ) ҳаёт дошт. Соҳиби тазкираи нисвон ӯро бо номи Ҳакимӣ ёд мекунад ва мегӯяд, ки чанде худаш ва чанде бародараш сукунати Хоф кардааст».

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки ин бонуи отифа аслан аз шаҳри Хофи Эрон буда, ба Исмати Бухороӣ, ки он вақт дар Ҳирот буд, издивоҷ кардааст. Бону Исматӣ соҳибдевон буда, бо тахаллуси Исматӣ ё Бибӣ Исматӣ дар миёни мардум машҳур шудааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» дар бораи шавҳари Бонуи Исматӣ бо номи Хоҷа Исмати Бухороӣ (вафоташ соли 1436) маълумот дода, ӯро дар радифи шоирони барҷастаи нимаи аввали асри XV ҷой додааст ва чунин мегӯяд: «Дигаре Хоҷа Исмати Бухороист, вай дар ғазал татаббӯи Хусрав мекунад». Дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи зери тарбияти ӯ қарор доштани шоҳзода, писари Султон Халил ва доимо анис ва ҷалиси шаҳзода буданаш қайд гардидааст ва ҳамин ишораро Алишер Навоӣ дар асараш «Маҷолис-ун-нафоис» тасдиқ карда мегӯяд, ки Хоҷа Исмат аз бузургони Мовароуннаҳр аст ва илми зоҳирро такмил карда, аз ғояти шӯхтабъӣ худро ба шеър мансуб сохт. Пас маълум мешавад, ки Исмати Бухороӣ таълиму тарбияро бо эҷод тавъам намудааст ва дар зиндагӣ пешаи муаллимӣ низ доштааст.

Шоир як девони мукаммал, ки аз ҳашт ҳазор байт иборат аст ва маснавие бо номи «Иброҳими Адҳам» дорад.

Пас аз издивоҷ кардани шоира ба шоири маъруф Исматӣ ӯ аз тахаллуси Ҳакимӣ даст кашида, тахаллуси шавҳарашро барои худ азиз медонад. Онҳо низ дар давраи ҳукмронии писари Амир Темур – Шоҳрух, дар Ҳирот зиндагонӣ кардаанд.

Зани бародари ӯ Меҳринисо низ дар сурудани ашъори ноб истеъдоди нотакрор дошт.

Намуна аз ашъори Исматӣ:

*То фикандаст маро бахти бад аз ёр ҷудо,*
*Ғам ҷудо мекушадам, чархи ситамгор ҷудо.*

* * *

*Аз пошикастагон талаби Каъба мушкил аст,*
*Он Каъбае, ки даст диҳад – Каъбаи дил аст!*

С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» шоира Исматиро аз рӯйи таҳқиқи соҳиби «Оташкада» ва «Қомусулаълом» чун духтари қозии Самарқанд муаррифӣ карда, вале маълум нашудани таърихи ҳаёти ӯро зикр намудааст. Сатрҳои зерин ба ӯ нисбат дода шудаанд:

*Магар расвои ишқ аз мардуми олам ғаме дорад,*
*Ки ошиқ гаштаву расво шудан ҳам оламе дорад.*

Муҳаққиқи тоҷик Тоҷӣ Усмон низ шоира Исматиро чун самарқандӣ муаррифӣ карда, давраи ҳаёти ӯро ба асри XI шомил донистааст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва тазкираҳо маълум мешавад, ки ду шоира асосан чун духтари қозии Самарқанд муаррифӣ шудаанд, яке Исматӣ ва дигаре бо тахаллуси «Духтари қозии Самарқанд». Духтари қозии Самарқанд будани Исматӣ иштибоҳест, аз ҷониби баъзе тазкиранависони дигар.

Ҳамин тавр хонум Исматӣ завҷаи шоири шинохта Хоҷа Исмати Бухороӣ буда, тахаллуси ӯ аз номи шавҳараш гирифта шудааст. Нақши ин шоира дар тарбияи фарзандон ва фарогирии илму дониш зиёд буда, пажӯҳиши осораш дорои аҳамият аст.

**Зебунисо ФАЙЗУЛЛОЕВА.**

## Асрори пухту пази кадбону

Агар хоҳед, ки гӯшт нармак пазад, дар ҷараёни бирёнкунӣ чоряки шарбати лимӯро андозед.

***

Нон сахт шуда бошад, панҷ дақиқа ба сачоқи тар печонда, баъд 20 дақиқа ба тобаи печ гузоред. Нони аз танӯр нав кандагӣ барин мешавад.

***

Лимӯро панҷ дақиқа дар оби гарм нигоҳ доред, аз он шарбати зиёд гирифтан мумкин аст.

***

Ҳангоми дар тобаи печ пухтани мурғ ё чӯҷа пойҳои онро боло карда гузоред, равғани он дар дарунаш монда, бомазза мешавад.

***

Дар дохили гулкарам ҳашарот зиёд мешавад. Агар, пеш аз пухтан гулкарамро ба намакоб гузоред, ҳашарот рӯйи об мебароянд.

***

Моҳиро хуб хушк карда, ё ба ордоба 3-4 дақиқа дошта, баъд пазед, он боз ҳам бомазза мегардад.

***

Гӯштро дар тобаи печ пухтанӣ бошед, ба болояш оби ҷӯш ва ё камтар оби шӯрбо резед, он нарм мепазад.

***

Пеш аз пухтан ба гӯшти мурғ қаймоқ, ё оҳори картошкаи ба қайлаи соя омехта молида шавад, он суп-сурх мебароянд.

***

Хоҳед, ки забони ҳайвонот нарм шуда пазад, ба оби ҷӯшида андохта, 2-3 соат дар оташи паст пазед, баъд зуд ба оби хунук андозед ва қисми болои онро гирифта партоед.

**Н. НОДИРОВА тайёр кард.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 801, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.